

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№43 (4939)

ДУШАНБЕ,
7 АПРЕЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj






## ПИРЯХҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲИФЗИ ИҚЛИМИ МИНТАҚА НАҚШИ МУҲИМ МЕБОЗАНД

**Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи Ҳамоиши сатҳи баланди «Осиёи Марказӣ дар баробари мушкилоти глобалии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ»**

**4-уми апрели соли 2025, Ӯзбекистон**

**Муҳтарам Шавкат Миромонович,**
**Ҳамкасбони азиз,**
**Ҳозирини гиромӣ.**

**Пеш аз ҳама, мехоҳам ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Миромонович Мирзиёев барои даъват ҷиҳати иштирок дар кори ҳамоиши имрӯза изҳори сипос намоям.**

Тамоми ҷаҳон имрӯз рӯбарӯйи мушкилоти тағйирёбии иқлим қарор дорад ва минтақаи мо низ аз ин истисно нест.

Оқибатҳои онҳо ба иқтисодиёт ва экосистемаҳои кишварҳои мо зарари калон расонида, ба ҳаёти одамон таҳдид менамоянд.

Дар Тоҷикистон ҳаҷми солонаи маблағгузории барномаҳои иқлимӣ беш аз 400 миллион долларро ташкил медиҳад ва дар сурати пайомадҳои бузург ин рақам ба 1,5 миллиард доллар мерасад. Дар чунин шароит танҳо саъю кӯшиши якҷояи кишварҳои минтақа ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бартарафсозии ин мушкилот ба мо кумак мерасонад.

**Хонумҳо ва ҷанобон,**

Давоми бист соли охир ҷониби Тоҷикистон рӯзномаи марбут ба обу иқлимро дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолона пешбарӣ карда, ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва устувории экологӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Қабули 14 қатъномаи дахлдори Маҷмаи умумии СММ бо ташаббуси Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи глобалӣ дар соҳаи захираҳои об заминаи мустаҳкам гузошт.

Ташаббусҳои ҷаҳонии мо, инчунин, барои татбиқи ҳадафҳо, аз ҷумла ҳадафҳои «Рӯзномаи рушди устувор барои то соли 2030», асос гузоштанд. Шубҳае нест, ки байни энергетика ва тағйирёбии иқлим робитаи зич вуҷуд дорад. Ба андешаи мо, рушди энергетикаи «сабз» метавонад қадами мусбат дар роҳи ҳифзи иқлим бошад.

Қобили таъкид аст, ки ҳоло дар Тоҷикистон 98 дарсади неруи барқ аз манбаъҳои обии кишвар истеҳсол карда мешавад ва он дар ҷаҳон аз ҷиҳати истеҳсоли энергияи «сабз» аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷойи шашум қарор дорад.

Гузашта аз ин, Тоҷикистон аз рӯйи ҳиссаи партовҳои газҳои гулхонаӣ бо нишондиҳандаҳои пасттарин ҳаҷми онҳо дар ҷаҳон дар ҷойи 130-юм қарор дорад.

Кишвари мо ба нақша гирифтааст, ки то соли 2032 пурра ба истеҳсоли неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия гузарад.

Пиряхҳои Тоҷикистон манбаи захираҳои обии минтақа мебошанд ва 60 дарсади онҳо дар ҳудуди кишвари мо ташаккул меёбад.

Мутаассифона, таъсири тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ боиси обшавии босуръати пиряхҳо мегардад. Аз 14 ҳазор пирях дар Тоҷикистон ҳудуди 1300 пирях дар панҷоҳ соли охир комилан об шудааст. Ин як тамоюли хеле ташвишовар аст, зеро пиряхҳои мо танҳо манбаи об барои минтақа набуда, дар ҳифзи иқлими минтақа низ нақши муҳим мебозанд.

Дар баробари ин, Маҷмаи умумии СММ бо ибтикори Тоҷикистон соли 2025-ро Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва 21 мартро Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо эълон намуд.

Дар асоси ин қарор, моҳи майи соли равон дар шаҳри Душанбе нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо доир мешавад, ки ин боз як нақши назарраси Тоҷикистон дар рӯзномаи ҷаҳонии иқлим хоҳад буд.

Бо истифода аз фурсат ҳамаи шуморо даъват менамоям, ки дар кори Конфронси Душанбе фаъолона иштирок намоед ва дар дастгирии ҳифзи пиряхҳо саҳм гузоред.

**Муҳтарам иштирокчиёни ҳамоиш,**

Мо барои равонасозии саъю кӯшишҳои худ ба таъмини суботи иқлим ва таҳкими ҳамкорӣ ҷиҳати ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои об минбаъд низ изҳори омодагӣ менамоем.

Масъалаи нигоҳдории захираҳои об на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми ҷаҳон муҳим буда, амалҳои мушаххаси устуворро тақозо менамоянд. Аз ин хотир, мо истифодаи технологияҳои муосири каммасраф ва муносибати эҳтиёткоронаро ба ин манбаи муҳими ҳаёт шарти асосии кам кардани талафоти об мешуморем.

Ҳамзамон, мо даъвати ҷомеаи байналмилалиро барои афзун намудани маблағгузорӣ барои тадбирҳои марбут ба ҳифзи иқлим ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ дастгирӣ менамоем.

Ин ба кишварҳои осебпазир, бахусус кишварҳои рӯ ба тараққӣ, имкон медиҳад, ки ба таъсири тағйирёбии иқлим мутобиқ шаванд.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳатон!**

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР САМАРҚАНД

**3-юми апрели соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Ҳамоиши «Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо» ба шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, вазири рушди иқтисод ва савдо, раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуданд.

**3-юми апрели соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади иштирок дар Ҳамоиши «Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо» вориди шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Самарқанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулло Орипов ва дигар намояндагони воломақоми Ҷумҳурии Ӯзбекистон истиқбол гирифтанд.

**3-юми апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд дар ҳошияи Ҳамоиши «Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Шурои Иттиҳоди Аврупо Антониу Кошта мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ масоили ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо баррасӣ гардид.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки «мо Иттиҳоди Аврупоро аз ҷумлаи шарикони муҳими худ дар арсаи байналмилалӣ медонем».





Антониу Кошта аҳамияти ҳалли масъалаҳои марзӣ миёни Тоҷикистон ва Қирғизистону Ӯзбекистонро таъкид намуда, Сарвари давлат ва мардуми Тоҷикистонро бо ин рӯйдоди таърихӣ табрик гуфтанд.

Ҷонибҳо оид ба аҳамияти Созишномаи тавсеаёфтаи шарикию ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, ки мувофиқасозиаш ба марҳилаи ниҳоӣ расидааст, табодули афкор намуданд.

Истифодаи захираҳои азими табиӣ, гидроэнергетикӣ, ашёи хоми муҳим, зарфиятҳои кишоварзӣ, иқтидори саноатӣ ва транзитии Тоҷикистон барои рушди тиҷорат бо Иттиҳоди Аврупо судбахш арзёбӣ гардид.

Ҳамкории ҳар ду ҷониб дар раванди ислоҳот, рушди соҳаи энергетика, таҷдид ва сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ намунаи шарикии босубот номида шуд.

Гуфта шуд, ки Тоҷикистон ба ҷалби сармоя ва технологияҳои аврупоӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи энергетика, аз ҷумла бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва таҷдиди НБО «Норак», манфиатдор мебошад.

Таъкид шуд, ки Тоҷикистон дар ҷодаи пешбурди сиёсати иқтисоди «сабз» бо Иттиҳоди Аврупо ҳамназар аст. Дар ин зимн, Стратегияи рушди иқтисоди «сабз»-и Тоҷикистон ва масъалаи тавлид ва содироти энергияи «сабз» муҳокима гардид.

Оид ба рушду густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, маориф, тавсеаи барномаҳои бурсиявӣ ва дастгирии минбаъдаи таҳсилоти касбӣ табодули афкор сурат гирифт.

Зарурати идомаи ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар чаҳорчӯби барномаҳои БОМКА ва КАДАП таъкид шуд. Ҳамчунин, оид ба афзоиши офатҳои муҳитизистӣ ва пайомадҳои фалокатбори тағйирёбии иқлим дар ҷаҳон ва татбиқи ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон барои ҳалли ин мушкилот гуфтугӯи судманд сурат гирифт.

**3-юми апрели соли 2025 дар шаҳри Самарқанд дар ҳошияи Ҳамоиши «Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Комиссияи Иттиҳоди Аврупо хонум Урсула фон дер Ляйен мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо баррасӣ гардид.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки «Тоҷикистон аз ташаббуси ба сатҳи стратегӣ баровардани муносибатҳо ҷонибдорӣ менамояд».

Ба тавсеаи робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, ҷалби сармоя ва технологияҳои нави аврупоӣ ба иқтисоди Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Масъалаҳои ба имзо расонидани Созишномаи тавсеаёфтаи шарикию ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, ҳамчунин, роҳҳои татбиқи Харитаи роҳ оид ба амиқсозии равобити байниминтақавӣ аз мавзуъҳои муҳими суҳбат буд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ИТТИЛОИЯ

### дар бораи Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум



**Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум 11 апрели соли 2025, соати 10-00 дар толори иҷлосияҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.**

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 апрели соли 2025 аз соати 09-00 то соати 17-00 ва 11 апрели соли 2025 аз соати 07-00 то 09-00 дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо:** 221-98-35, 223-19-48.

## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Ҳафтуми апрели соли 2025 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Ёддошти ҳамкорӣ байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлия, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати тандурустӣ, меҳнат ва некуаҳволӣ ва Агентии миллии полиси Япония дар бораи асосҳои ҳамкории иттилоотӣ ҷиҳати роҳандозии низоми захираҳои инсонии хориҷии дорои мақоми «коргари соҳибтахассуси махсус» ва «Дар хусуси Ёддошти тафоҳум байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати шуғл ва меҳнати Ҷумҳурии Корея оид ба сафарбар намудан ва қабули кормандон тавассути низоми иҷозати кор» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум пешниҳод гардид.

Масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишномаҳои қарзӣ, грантӣ, қолабӣ ва агентӣ вобаста ба лоиҳаи «Рушди обёрӣ дар ноҳияи Панҷ» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки исломии рушд», «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният», «Дар хусуси Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти амнияти давлатии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар самти мубориза бар зидди терроризм ва маблағгузории он», «Дар хусуси лоиҳаи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба мубодилаи қувваи корӣ дар бахши хусусӣ», «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Кувайт оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фармасевтӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон барои иштирок дар лоиҳаи Алоқаи моҳворавии Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ» омода аст.

Рушди ҳамкорӣ дар самти рақамикунонӣ, гузариш ба ҳукумати электронӣ ва рушди зеҳни сунъӣ муҳим дониста шуд.

Аҳамияти Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ташаббуси нави «Дарвозаи глобалӣ» ва барномаҳои бисёрсолаи индикативӣ таъкид гардид.

Дар робита ба ҳалли мушкилоти глобалӣ изҳори бовар карда шуд, ки Иттиҳоди Аврупо дар Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо моҳи майи соли равон дар шаҳри Душанбе дар сатҳи муносиб иштирок хоҳад кард.



**3-юми апрели соли равон дар шаҳри Самарқанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, бо Президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд хонум Одил Рено - Бассо мулоқот намуданд.**

Тавре таъкид гардид, дар давраи ҳамкорӣ аз ҷониби Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Тоҷикистон 184 лоиҳа мавриди татбиқ қарор гирифтааст, ки маблағи умумии онҳо ба беш аз як миллиард доллар мерасад. Ин лоиҳаҳо асосан дар самтҳои таҳкими низоми молиявӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳаҳои нақлиёту энергетика татбиқ мегарданд.

Лоиҳаҳои марбут ба таъмини аҳолӣ бо об ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии коммуналӣ аз бахшҳои дигари ҳамкории Тоҷикистон бо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд арзёбӣ гардида, алоқамандии Тоҷикистон ба рушди ҳамкорӣ таъкид гардид.



Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сатҳи ҳамкорӣ бо бонкро баланд арзёбӣ намуда, изҳор доштанд, ки татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо назардошти таъсири манфии омилҳои беруна ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити кунунӣ басо муҳим мебошад.

Зарурати густариши ҳамкорӣ барои идомаи ислоҳоти иқтисодӣ ва тобовар намудани иқтисодиёти Тоҷикистон ба хатарҳои имрӯза, ҷалби маблағҳои грантӣ ва имтиёзноки шарикони рушд таъкид гардид.

Изҳори бовар карда шуд, ки ҳамкории Тоҷикистон бо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок дар доираи «рӯзномаи сабз» минбаъд тақвият меёбад.

**3-юми апрели соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд дар ҳошияи Ҳамоиши «Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ вазъ ва дурнамои муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, инчунин, масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ баррасӣ шуд.

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз суръати рушди ҳамкорӣ, аз ҷумла дар бахшҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию гуманитарӣ, изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Шавкат Мирзиёев бори дигар аз таассуроташон аз чорабиниҳои чанде пеш дар шаҳри Хуҷанд баргузоршуда ёдовар гардида, ба ҷараён ва натиҷаҳои онҳо баҳои баланд доданд.

Аз имзои Аҳднома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ изҳори қаноатмандӣ карда шуд ва бори дигар аҳамияти он дар рушди ҳамкории байнидавлатӣ таъкид гардид.

Ба масоили густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногуни саноат, татбиқи имконоти содиротиву сармоягузорӣ ва вусъати робитаҳои байни минтақаҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид. Ҳамчунин, оид ба дигар мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак гуфтугӯи судманд сурат гирифт.

**4-уми апрели соли 2025 дар шаҳри Самарқанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҳамоиши «Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо» иштирок ва суханронӣ намуданд.**




# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР САМАРҚАНД

Ҳамоиш бо истиқболи сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва роҳбарияти Иттиҳоди Аврупо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва аксгирии якҷояи роҳбарони давлатҳо ва ҳайатҳои расмӣ оғоз ёфт.

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди муттасили муносибатҳо бо Иттиҳоди Аврупоро дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон номиданд.

Таъкид гардид, ки Харитаи роҳ оид ба амиқсозии равобит миёни Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо санади калидӣ гардида, ҳамкории байниминтақавиро танзим менамояд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба вазъи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо чунин иброз доштанд: «Мо ҳадаф дорем, ки содироти маҳсулотро аз истеҳсолкунандагони тоҷик ба бозорҳои Аврупо аз ҷумла, тавассути истифодаи имтиёзҳои тиҷоратии ба ҳамдигар боз ҳам густариш бахшем».

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба имкону захираҳои табиии кишвари мо, иқтидорҳои бахши саноат, энергетика ва кишоварзӣ андешаронӣ намуда, изҳор доштанд, ки Тоҷикистон барои ҷалби сармояи хориҷӣ, ворид кардани технологияҳои навини аврупоӣ ва истифодаи таҷрибаи ширкатҳои бонуфуз ҳавасманд мебошад.

Иштироки Иттиҳоди Аврупо дар маблағгузории лоиҳаҳои соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, саноат, нақлиёт ва инфрасохтори коммуникатсионӣ муҳим дониста шуд.

Таъкид гардид, ки масъалаи рушди энергетика бо назардошти афзудани талабот ба қувваи барқ торафт хусусияти муҳим касб мекунад ва аз ин рӯ, яке аз самтҳои ояндадор дар минтақаи мо ҳамкорӣ дар соҳаи энергетикаи «сабз» мебошад.

«Барои Тоҷикистон бахши энергетика, яъне манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ки ба он гидроэнергетика низ шомил аст, на танҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои иҷтимоию иқтисодии миллӣ, балки барои рушди минбаъдаи ҳамкории минтақавӣ низ муҳим аст», - изҳор доштанд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Аз саҳми Иттиҳоди Аврупо дар бунёд ва навсозии иқтидори тавлиди энергияи «сабз» дар кишвари мо ёдовар шуда, Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштироки муваффақи онро дар татбиқи тарҳҳои неругоҳҳои барқи обии «Норак», «Себзор» ва «Қайроққум» таъкид намуданд.

Даъват ба амал оварда шуд, ки Иттиҳоди Аврупо дар заминаи дуҷониба ё дар доираи ташаббуси «Дарвозаҳои глобалӣ» дар бунёд ва таҷдиди иншооти гидроэнергетикӣ, ки намунаи иқтисод ва энергетикаи «сабз» мебошанд, саҳм гузорад.

Мусоидати Иттиҳоди Аврупо дар бунёди инфрасохтори интиқоли неруи барқ ба Осиёи Ҷанубӣ тавассути хати интиқоли CASA-1000 баланд арзёбӣ гардид.

Роҳбари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба нақшаҳои



Тоҷикистон дар бораи то соли 2030 афзоиш додани иқтидори истеҳсоли қувваи барқ аз неруи офтоб ва шамол то 10 фоизи тамоми истеҳсоли неруи барқ дар кишвар андешаронӣ намуданд.

Сарвари давлат иброз доштанд, ки «мо дар асоси Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» то соли 2032 истеҳсоли энергияро дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои таҷдидшаванда



ба роҳ монда, то соли 2037 Тоҷикистонро ба кишвари «сабз» табдил медиҳем».

Аз ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла ҳифзи пиряххо, ёдовар шуда, Президенти кишвар таъкид доштанд, ки дар охири моҳи майи соли равон дар шаҳри Душанбе баргузории нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд доир ба ин мавзуъ дар назар аст. Дар ин зимн, изҳори бовар карда шуд, ки шарикони аврупоӣ ва минтақавии Тоҷикистон дар кори конфронси дарпешистода фаъолона иштирок менамоянд.

Роҳбари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, оид ба омилҳои муҳими рушди устувори робитаҳои байниминтақавӣ, аз ҷумла нақлиётию коммуникатсионӣ, андешаронӣ намуданд.

Густариши ҳамкорӣ барои рушди бахши хусусӣ ва сармоягузорӣ ба таъсиси ҷойҳои корӣ, омодасозии коргарони баландихтисос ва тавсеаи робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ ҷузъи муҳими муносибатҳои кишварҳо номида шуд.

Дар ин робита, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, оид ба тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, аз ҷумла кушодани филиалҳои донишгоҳҳои аврупоӣ дар кишвари мо ва зиёд кардани квотаҳо барои таҳсил дар муассисаҳои таълимии Аврупо, изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

Гуфта шуд, ки сайёҳӣ метавонад барои ба роҳ мондани робитаи мустаҳкам байни мардумонамон ҳамчун занҷираи муҳим хизмат намояд.

Рушди минбаъдаи ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо дар чаҳорчӯби барномаҳои минтақавӣ, аз қабили БОМКА ва КАДАП, муҳим арзёбӣ гардид.

**4-уми апрели соли равон дар шаҳри Самарқанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҳамоиши сатҳи баланди «Осиёи Марказӣ дар баробари мушкилоти глобалии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ» иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки ҷаҳон имрӯз бо мушкилоти тағйирёбии иқлим рӯ ба рӯ аст ва минтақаи мо низ аз ин истисно нест. Таъкид гардид, ки оқибатҳои фоҷиабори тағйирёбии иқлим ба иқтисодиёт ва экосистемаҳои кишварҳои мо зарари калон расонида, ба ҳаёти одамон таҳдид менамояд.

Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳаҷми солонаи маблағгузории барномаҳои иқлимӣ дар Тоҷикистон ёдовар шуда, таъкид намуданд, ки он беш аз 400 миллион долларро ташкил медиҳад ва дар сурати пайомадҳои бузург ин рақам ба 1,5 миллиард доллар мерасад.

Изҳор карда шуд, ки дар чунин шароит танҳо саъю кӯшишҳои якҷояи кишварҳои минтақа ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ барои бартарафсозии ин мушкилот ба мо кумак мерасонад.

«Қабули 14 қатъномаи дахлдори Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ташаббуси Тоҷикистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи глобалӣ дар соҳаи об заминаи мустаҳкам гузошт», - изҳор доштанд Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таъкид намуданд, ки ташаббусҳои ҷаҳонии мо, инчунин, барои татбиқи ҳадафҳо, аз ҷумла ҳадафҳои «Рӯзномаи рушди устувор барои то соли 2030», мусоидат намуданд.

Зикр гардид, ки дар Тоҷикистон ҳоло 98 дарсади неруи барқ аз манбаъҳои обии худӣ истеҳсол карда мешавад ва кишвари мо дар ҷаҳон барои истеҳсоли энергияи «сабз» аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷойи шашум қарор дошта, тибқи нақша то соли 2032 пурра ба истеҳсоли неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия мегузарад.

Таъкид карда шуд, ки пиряххои Тоҷикистон манбаи асосии захираҳои обии минтақа мебошанд ва 60 дарсади оби Осиёи Марказӣ дар ҳудуди кишвари мо ташаккул меёбад.

Доир ба аҳамияти масъалаҳои марбут ба тағйирёбии иқлим сухан гуфта, Сарвари давлат аз обшавии пиряххо, аз ҷумла комилан об шудани ҳудуди 1300 адад аз 14 ҳазор пиряхи ҳудуди Тоҷикистон дар панҷоҳ соли охир, изҳори нигаронӣ намуданд.

Ба таъкиди Президенти кишвар ин ҳолат тамоюли хеле ташвишовар мебошад, зеро пиряххои Тоҷикистон танҳо манбаи об барои минтақа набуда, дар нигоҳдории иқлими минтақа низ нақши муҳим мебозанд.

«Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ибтикори Тоҷикистон соли 2025-ро Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ва 21 мартро Рӯзи ҷаҳонии пиряххо эълон намуд», - изҳор доштанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ёдовар шуданд, ки дар асоси ин қарор моҳи майи соли равон дар шаҳри Душанбе нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо доир мешавад ва ин боз як нақши назарраси Тоҷикистон дар рӯзномаи ҷаҳонии иқлим хоҳад буд.

Аз иштирокдорони ҳамоиш барои иштироки фаъолона дар кори Конфронси Душанбе ва дар маҷмуъ, барои саҳмгузорӣ дар ҳифзи пиряххо даъват намуданд.

Истифодаи технологияҳои муосири каммасраф ва муносибати эҳтиёткорона ба об чун манбаи муҳимтарини ҳаёт шарти асосии кам кардани талафоти он шуморида шуд. Дар ин зимн, аз ҷомеаи байналмилалӣ даъват карда шуд, ки ба масъалаи афзуннамоии маблағгузории чораҳои марбут ба ҳифзи иқлим ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ ба кишварҳои осебпазир, бахусус кишварҳои рӯ ба тараққӣ, тадбирҳо биандешанд.

**4-уми апрели соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз анҷоми сафари корӣ ва иштирок дар Ҳамоиши «Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо» ва Ҳамоиши сатҳи баланди «Осиёи Марказӣ дар баробари мушкилоти глобалии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ» аз шаҳри Самарқанд ба Ватан баргаштанд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Самарқанд меҳмони олиқадр - Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулло Орипов ва дигар намояндагони воломақом гусел намуданд.

**www.prezident.tj**

# ДАЪВАТИ БАҲОРИИ ҶАВОНОН ОҒОЗ ШУД

**Якуми апрели соли равон дар тамоми шаҳру навоҳии мамлакат маъракаи даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. Чун анъана дар як қатор шаҳру ноҳияҳо нақшаи даъват дар рӯзи аввал пурра иҷро гардида, ҷавонони далеру шуҷоъ бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ба адои хизмати ҳарбӣ раҳсипор шуданд.**

**Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон боз ҳам аз аввалинҳо шуда, нақшаи даъвати баҳории ҷавонписаронро ба хизмати Ватан-Модар 101 фоиз иҷро намуд.**

Раиси вилоят Алишер Мирзонабот дар назди ҳозирин баромад карда, иброз дошт, ки феълан насли ҷавон дар заминаи омӯзиши таърихи пурғановати худ, амиқан дарк менамояд, ки дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза дар баробари таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳамгироии мустаҳками иҷтимоӣ иқтидори мудофиавии кишвар бояд тавоною муқтадир бошад. Имрӯз дар сафи даъватшудагон фарзандони масъулини мақомоту хизматчиёни давлатӣ, соҳибкорону табибон, муҳандисону коргаронро мебинем. Яъне, бо чунин муносибати масъулиятнок ва ватандӯстона ҷавонони мо ва умуман, мардуми Тоҷикистон, омодагию садоқати хешро барои хизмат ба Ватан нишон медиҳанд.

**Дар маркази маъмурии вилояти Хатлон – шаҳри Бохтар 1-уми апрели соли равон маросими гусели наваскарон ба сафи Артиши миллӣ баргузор гардид.**

Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид бо сухани табрикӣ даъватшавандагонро ба муносибати ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар пайвастан табрику таҳният гуфт.



- Ҳукумати кишвар пайваста барои таҳкими қудрати мудофиавӣ ва фароҳам сохтани шароити беҳтарини хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ тадбирҳои судманд меандешад. Исботи ин гуфтаҳост, ки имрӯз дар рӯзи аввали даъват тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят нақшаи пешбинишударо 100 фоиз иҷро намуда, нақшаи даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра таъмин гардид. Ин даъвати дуюм аст, ки ҷавонони ғаюру диловари вилоят ихтиёран ба сафи артиш пайваста, нақшаи даъват дар вилояти Хатлон дар рӯзҳои аввал ба пуррагӣ таъмин мегардад, - афзуд раиси вилоят.

**Якуми апрели соли 2025 дар Муассисаи давлатии амфитеатри «Аҳорун»-и шаҳри Душанбе чорабинии тантанавӣ ва маъракаи гусели наваскарон аз шаҳри Душанбе ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат баргузор гардид.**

Муовини Раиси шаҳри Душанбе Абдураҳмон Абдураҳмонзода ҳозиринро ба «Рӯзи даъватшаванда» табрик намуда, миннатдории самимии Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалиро ба ҷавонони навдаъватшуда ва волидайни онҳо расонид.

Дар идома иттилоъ дода шуд, ки дар рӯзи аввали даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ 456 нафар ҷавонони ватандӯсти пойтахт ба таври ихтиёрӣ ба хизмати ҳарбӣ раҳсипор гардиданд, ки 41%-и нақшаи даъватро ташкил медиҳад.

Зимни чорабинӣ модари яке аз даъватшавандагон аз номи тамоми модарон ба ихтиёриён дуои хайр дода, маросими нонгазони чорабиниро анҷом дод.

Дар идома намоиши машқҳои ҳарбӣ ва варзишӣ аз ҷониби сарбозон сурат гирифта, дар қисмати фарҳангии чорабинӣ аз ҷониби дастаҳои ҳунарӣ барномаи консертӣ пешниҳоди иштирокчиён гардид.

**Субҳи 1-уми апрели соли 2025 дар қисми ҳарбии қӯшунҳои зудамали Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт маъракаи гусели наваскарон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар доир шуд.**

Дар майдони қисми ҳарбӣ даъватшавандагон аз ноҳияҳои минтақаи Рашт ба таври ихтиёрӣ барои ҳамроҳ шудан ба сафи Артиши миллӣ ҳозир гардиданд. Дар натиҷа, ноҳияҳои Сангвор, Лахш, Тоҷикобод, Нуробод ва Рашт сад фоиз нақшаи даъвати ҳарбиро иҷро намуданд.

Дар ҳамоиши идона раиси ноҳияи Рашт Зарина Идизода иброз намуд, ки мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки хизмат ба Ватан ин хизмат ба падару модар, аҳли оила, зодгоҳ ва сарзамини аҷдодӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳар яки мо бояд Ватанро дар баробари ҷони худ, мисли модари худ дӯст дорем ва онро ҷавонмардона ҳимоя ва ҳифз намоем.

Зимни ҳамоиш модари яке аз наваскарон Бикабӣ Шарифова иброз дошт, ки мо, модарони Раштонзамин, аз он ифтихор менамоем, ки фарзандони мо сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуда, барои ҳифзи марзу буми Ватани азизамон ба таври ихтиёрӣ ба сафи Артиши миллӣ ҳамроҳ гардиданд.

Раиси Ҷамоати деҳоти Аскалони ноҳияи Рашт Қиёмиддин Авродов гуфт, ки дар ин даъват ман аз ҳудуди ҷамоати деҳот аввалин шуда писари худамро ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар номнавис кардам. Мо ифтихор мекунем, ки фарзандони мо барои давлату миллати хеш хизмат мекунанд.

**С. СУННАТӢ, М. ИМОМНАЗАР, С. СУЛТОНОВ, Д. МИРЗО, «Садои мардум»**

*Дар куҷо таҳсил ва кадом ихтисосро бояд интихоб намуд?*

# ОЯНДАИ ДУРАХШОН

## бо Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон



**ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ!**

Шумо айни замон дар ростои интихоби касби ояндаи худ қарор доред. Тақдири ҳар инсон ва амалӣ шудани орзуву ниятҳо ҳам ба касби интихобкардааш сахт иртибот мегирад. Интихоби дурусти шумо дар идомаи таҳсил ва соҳибкасб шудан кафолати ояндаи дурахшон ва шарти асосии татбиқи рисолати инсониатон дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар интихоби пешаи худ таваҷҷуҳ намоед ваояндабин бошед, зеро мо дар асри рушди техника ва технологияи навин қарор дорем. Дар шароити имрӯз тамоми сохтору корхона ва ташкилоту идораҳо ба мутахассисони донишманду дорои диди тоза эҳтиёҷ доранд. Барои ин дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам мебошад. Ин ҳама имкон медиҳанд, ки орзуҳои шумо барои мутахассиси касбӣ шудан дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон амалӣ гардад.

**ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!**

